**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе,**
**хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн ба диссертатсияи Қодирзода Мирзоқодир Аюб дар мавзуи «Функсияи экологии Тоҷикистон дар шароити муосир: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Қодирзода Мирзоқодир Аюб дар мавзуи «Функсияи экологии Тоҷикистон дар шароити муосир: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Функсияи экологии давлат ҳамчун вазифаи мустақил ва зиёда аз он, яке аз вазифаҳои асосии давлати муосири Тоҷикистон эътироф карда мешавад. Дар баробари ин муаллиф чунин меҳисобад, ки функсияи экологӣ бояд на танҳо яке аз функсияҳои афзалиятнок, балки асоситарин бошад, зеро он барои таъсир расонидан ба дигар вазифаҳои давлат ва дар ниҳоят нигоҳ доштани муҳити табиӣ барои наслҳои ҳозира ва оянда пешбинӣ шудааст. Қайд

мегардад, ки функсияи экологии давлат вазифаи нисбатан нав аст. Ташаккул ва инкишофи он ба оқибатҳои манфии фаъолияти хоҷагидории инсон ба табиат, аз ҷумла, аз оқибатҳои таҳавуллоти илмию техникӣ, инчунин равандҳои ҷаҳонишавӣ вобаста аст.

Муаллиф қайд менамояд, ки барои одамон неъматҳои моддии зиёде ба вуҷуд меоваранд ва таҳаввулоти илмию техникӣ дар айни замон бо чандин баробар зиёд ҷалб намудани муҳити табиӣ ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ алоқаманд аст, ки ин дар навбати худ дар низомҳои муҳити зист оқибатҳои гуногуни манфиро ба амал меоварад, ба монанди, манбаъҳои ифлосшавии ҳаво, об, афзоиши радиатсия ва ғайра, ки ба олами набототу ҳайвонот, ҳаёт ва саломатии одамон таҳдид мекунад. Бешубҳа, дар ин шароит функсияи экологии давлат на танҳо инкишоф меёбад, балки ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар миқёси байналмилалӣ – дар сатҳи ҳамкории байнидавлатӣ ба ҷои аввал мебарояд.

Муаллиф таъкид менамояд, ки омӯзиши ҷанбаҳои таърихию ҳуқуқии истифодаи оқилонаи табиат ва ҳифзи табиат имкон медиҳанд, ки раванди табдил ёфтани функсияи экологиро ҳамчун вазифаи мустақил баррасӣ кунем. Функсияҳои давлат чӣ аз ҷиҳати мазмун ва чӣ аз ҷиҳати усулҳои амалиашон категорияи объективӣ мебошад.

Мувофиқи ақидаи муаллиф барои рушди самараноки он давлат бояд дар самтҳои мушаххас фаъолиятҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро амалӣ созад. Зарурати амали гардондани функсияи экологии давлат ҳангоми ба миён омадани зарурати ҷамъиятии ҳалли проблемаҳои ҳифзи муҳити зист ва истифодаи захираҳои табиӣ ба миён меояд. Дар баробари ин мазмуни вазифа дар марҳалаҳои гуногуни инкишофи давлат тафовути калон дорад, ки онро манфиатҳои мушаххаси давлат дар ин ё он марҳала муайян мекунад.

Муаллиф қайд менамояд, ки то асри XX функсияи муҳофизати табиат асосан тавассути функсияи ҳифзи ҳуқуқи моликият, манфиатҳои иқтисодӣ, андоз ва мудофиаи давлат инкишоф меёфт. Вай хислатҳо ва

хусусиятҳои инфиродӣ надошт ва вазифаи дуюмдараҷа ба ҳисоб мерафт. Аз солҳои 70-уми асри гузашта сар карда намояндагони илм дар бораи тақсим кардани вазифаи муҳофизатии табиат ҳамчун вазифаи мустақил фикр мекарданд. Дар як қатор мақолахои илмӣ хулосаҳое баровварда шудаанд, ки муҳофизати табиат дар ИҶШС вазифаи доимӣ ва асосии мустақили давлати сотсиалистии мутараққии умумихалқиро ифода мекунад.

Аз солҳои 1980-уми асри XX вақте ки таваҷҷуҳ ба ин соҳаи фаъолияти давлатӣ якбора афзоиш ёфт, дар ҷомеаи илмӣ истилоҳи "функсияи экологии давлат" мавриди истифода қарор гирифт. Имрӯз истиқлолият ва аҳамияти вазифаи экологии давлат мавриди баҳс намебошад. Гузашта аз ин, дар адабиёти ҳуқуқӣ масъалаи низоми махсуси ҳуқуқии мероси табиӣ ҳарчи бештар мавриди баррасӣ қарор мегирад, ки бешубҳа, ташкили механизми муассири танзими давлатии ин соҳаро дар назар дорад.

Дар баробари ин, функсияи экологии давлат хусусияти мураккаб, дорад. Дар бораи мазмуни функсияи экологии давлат, ки дар фаҳмиши истилоҳи он мавҷуд будани чунин андешаҳои мухталифро муайян мекунад, муфассалтар таваққуф кунем. Имрӯз дорои аҳамияти он аст, ки мазмуни функсияи экологӣ аз ду унсур иборат аст: ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ. Вобаста ба ин вазифаи ҳифзи табиат ва таъмини истифодаи оқилонаи сарватҳои табииро ҷудо кардан мумкин аст. Азбаски ин мавқеъ солҳои зиёд ҳукмрон буд, то ҳол тарафдорони зиёде дорад.

Ҷанбаи экологӣ, ки таърихан аввалин аст, дар айни замон муҳим аст. Он ҳифз ва барқарорсозии муҳити табииро дар бар мегирад. Ҷанбаи дигари муҳими функсияи экологии давлат захираҳои табиӣ мебошад. Он дар истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ифода ёфта, фаъолияти давлатро оид ба қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа бо захираҳои табиӣ бо назардошти хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии онҳо фаро мегирад. Бо

назардошти он, ки аксари захираҳои табиӣ тамомшавандаанд, беҳбудии давлат аз истифодаи оқилона, ҳифз ва такрористеҳсолии онҳо вобаста аст. Аз ин рӯ, ба истифодаи онҳо бо усулҳои харобиовар, ғайриоқилона роҳ додан мумкин нест. Мо чунин мешуморем, ки ҷиҳати ҳифзи захираҳои табиӣ функсияи экологӣ барои Тоҷикистон махсусан муҳим аст, зеро мамлакати мо дорои захираҳои табиии таъсирбахш буда, дар айни замон дар истифодаи оқилонаи онҳо таҷрибаи зиёд надорад.

Тавре, ки дар боло зикр гардид, имрӯз мазмуни функсияи экологии давлатро танҳо ба ҳифзи табиат ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ маҳдуд кардан мумкин нест. Давлат ва ҷамъият ба ҳалли комплексии як қатор вазифаҳои муҳими вобаста ба табиат ва сарватҳои он манфиатдор мебошад. Дар шароити муосир худи давлат инкишоф намеёбад, агар вай натавонад тамоми вазифаҳои аввалиндараҷаи экологии дар назди худи давлат истодаро иҷро кунад, дар ҳалли мушкилоте, ки дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ истодаанд, иштирок накунад, сатҳи чунин вазъияти экологиро дар давлате, ки ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқ бошад, таъмин намояд.

Муаллиф дуруст кайд мекунад, ки «Функсияи экологии давлат дар мазмуни худ фаъолиятро оид ба ихтиёрдории сарватҳои табиии моликияти давлат ба манфиати чамъият, инчунин фаъолиятеро дар бар мегирад, ки ба таъмини истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ бо мақсади пешгирии камшавӣ онҳо, ҳифзи муҳити зист аз таназзул, ҳолати он, риоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои экологӣ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро дарбар мегирад».

Ҳуқуқи экологии шаҳрвандон бошад ба ақидаи муаллиф, ҳамчун ҳуқуқҳои шахсоне, ки дар қонунгузорӣ эътироф ва тасдиқ карда шудаанд, ки қонеъ гардонидани талаботи инсонро ҳангоми муомила бо табиат таъмин менамоянд (ҳуқуқ ба муҳити мусоид; ба маълумоти боэътимод дар бораи ҳолати он; ҳифзи саломатӣ ва ҳаёт аз таъсири

манфӣ); товони зарари ба ҳаёт ва саломатӣ ё молу мулк расонидашуда, ҳуқуқвайронкунии экологӣ ва ғайра).

Ҳамин тариқ, як унсури дигари таъмини фаъолияти экологии давлат ин таъмини амнияти экологӣ мебошад. Дар баробари ин фахмидан лозим аст, ки амнияти экологӣ қисми ҷудонашавандаи амнияти умумӣ мебошад.

Дониши мавҷудаи илми давлат, ҳуқуқ ва ҳуқуқи экологиро ҷамъбаст намуда, метавон гуфт, ки функсияи экологии давлат бояд ҳамаи ҷанбаҳои дар боло зикршударо дар бар гирад. Ба ин муносибат дар таърифи пешниҳодкардаи муаллиф қайд мегардад, ки функсияи экологии давлат «роҳи фаъолияти давлат дар соҳаи ҳифз, барқарор намудан ва беҳдошти муҳити табиӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои табиии моликияти давлат, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, таъмини амнияти экологӣ, риоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои экологии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошад».

Хулоса, қайд кардан бамаврид аст, ки эътирофи фаъолият оид ба ихтиёрдории захираҳои табиии моликияти давлатӣ ба манфиати ҷамъият, таъмини истифодаи оқилонаи онҳо бо мақсади пешгирии камшавии онҳо ва ҳифзи муҳити зист аз ифлосшавӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии экологии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бояд яке аз вазифаҳои асосии давлати муосир ҳисобида шавад. Дар баробари ин, аҳамияти функсияи экологии давлат дар таъмини мувозинати аз ҷиҳати илмӣ асоснок, самаранок ва пурра риоя намудани манфиатҳои экологӣ ва иқтисодии ҷомеа барои таъмини рушди устувори давлат ифода меёбад, ки таъсиси муҳити заруриро дар назар дошта, кафолатҳои амалишавӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои экологии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, таъмини дараҷаи кофии ҳифзи муҳити зист, таъмини истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва ғайра мебошад.

Муаллиф қайд менамояд, ки тағйирёбии иқлими сайёра, кам шудани захираҳои об, масоҳати ҷангалҳо, шикори ғайриқонунии намудҳои

нодири ҳайвонот ва паррандаҳо, истифодаи номаҳдуди сарватҳои табиӣ, ки ба муҳити зисти одамон, олами набототу ҳайвонот зарар мерасонанд, зарурати амалӣ намудани функсияи экологии давлатро тақозо мекунанд.

Аҳамияти глобалӣ пайдо намудани проблемаҳои экологӣ боиси аз ҳудуди як давлат берун баромадани функсияи экологӣ мегардад. Ҳоло давлатҳо бахри ҳалли проблемаҳои экологии глобалӣ, наҷот додани сайёра, таъмини ҳастии инсонӣ дар ҷаҳони муосир талош доранд.

Дар фазои муносибатҳои экологӣ яке аз механизмҳои муҳимтарин барои бартарафнамоии ҳолатҳои манфӣ дар мавҷудияти муҳити зист ва муносибати инсонҳо бо табиат, ин функсияи экологии давлат ба шумор меравад. Сатҳи фазои идоракунӣ, танзим ва амалисозии механизмҳои расмӣ-ҳуқуқии ҳифзи муҳити зистро функсияи экологии давлат ташкил медиҳад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба масъалаҳои экологӣ диққати махсус дода мешавад, ки ҳолати мазкурро мо аз ташаббусҳои сатҳи байналмилалии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мушоҳида кардан ба маврид аст. Ташаббусҳои экологии давлати Тоҷикистон аз он гувоҳӣ медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рафъи проблемаи экологии сатҳи ҷаҳонӣ бетараф набуда, дар ин маврид тарафдор ва саҳмгузори таъмини амнияти экологӣ, солимии ҷомеаи ҷаҳонӣ ба наслҳои ояндаи башарият мебошад.

Яке аз муаммоҳои мавҷудаи экологие, ки даҳсолаҳои охир барои самаранок амалишавии сиёсати функсионалии экологии давлат халал расонидааст, ин зиёд шудани шумораи корхонаҳои хурду бузурги истеҳсолии барои муҳити зист зараровар мебошад, ки бо миқдори зиёди партовҳои газӣ, моеъгӣ ва сахти худ ба ҳолати экологии зараррасонанда табдил ёфтаанд.

Ҷузъи муҳимтарини ҳама гуна низоми идоракунӣ масъалаи татбиқи дурусти он мебошад. Маҳз самаранокӣ, ҳолати таъмини татбиқи

мақсадҳо ва нишондиҳандаҳои иҷроиши ҳадафҳои пешгузошташудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи муҳити зист, инъикоси амалигардии функсияи экологиро нишон медиҳад.

Ҳолатҳои дар боло зикргардида, ишора ба он менамояд, ки имрӯзҳо барои ҳаллу фасли масоили экологии давлати алоҳида ва ҷомеаи ҷаҳонӣ нақши функсияи экологии давлат марказӣ буда, механизмҳои амалишавии он нақши муҳимро мебозанд, ки ҳамаи дар маҷмӯ аз мубрам будани мавзӯи таҳқиқоти шаҳодат медиҳад.

Диссертатсияи Қодирзода Мирзоқодир Аюб аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиш, мақсад, вазифаи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия баён карда шудааст.

**Боби якуми диссертатсия – “Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии функсияи экологии давлат”** ном дошта, аз се зербоб иборат аст.

**Зербоби якуми боби якум – “Ташаккул ва рушди функсияи экологии давлат”** ном дошта, дар он марҳилаҳои асосии ташаккул ва рушди функсияи экологии давлат бо дарназардошти сарчашмаҳои илмӣ ва таърихӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, нисбат ба он мавқеи диссертант зикр карда шудаанд.

Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи зербоби мазкур аз ҷониби муаллифи диссертатсия марҳилаҳои рушди функсияи экологии давлат пешниҳод карда шудааст. Дар доираи зербоби мазкур аз ҷониби муаллифи диссертатсия дар доираи пажуҳиши анҷомдодашуда, масоили рушду ташаккули функсияи экологии давлат шартан ба се давраи асосӣ ҷудо карда шудааст:- давраи то шӯравии инкишофи функсияи экологии

давлат; - давраи шўравии инкишофи функсияи экологии давлат; - давраи муосири инкишофи функсияи экологии давлат. Албатта марҳилабандӣ намудани ташаккули функсияи экологии давлат имконият фароҳам меоварад, ки нисбати марҳилабандии он ба андешаи ғоявии ягона ноил гардида, дар як маврид барои масоили мазкур тавлиди андешаи гуногуни илмӣ боис гардида бошад.

**Зербоби дуюми боби якум – “Мафҳум ва хусусиятҳои функсияи экологии давлат”** ном дорад, ки дар доираи он аз ҷониби диссертант масоили мафҳуми функсияи экологии давлат ва хусусиятҳои хоси он таҳқиқ карда шудаанд. Дар доираи таҳқиқот ба диссертант имкон ба даст омадааст, ки дар баробари муайян намудани мафҳуми функсияи экологии давлат, ҳамчунин чунин хусусиятҳои хоси онро ба таври зайл муайян намудааст:

- функсияи экологии давлат яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти давлат мебошад;

- функсияи экологии давлат аз ҷониби мақомоти салоҳияти умумӣ ва соҳавидошта амалӣ карда мешавад;

- функсияи экологии давлат дар асоси меъёрҳо ва принсипҳои байналмилалӣ, минтақавӣ, инчунин қонунгузории дохилидавлатӣ муайян ва амалӣ карда мешавад;

- функсияи экологии давлат ҷиҳати ҳифз, истифодаи мақсаднок, самараноку оқилона ва азнавбарқарорсозии захираҳои табиӣ равона гардидааст.

**Зербоби сеюми боби якум – “Мавқеи функсияи экологии давлат дар низоми функсияҳои давлат”** ном дошта, дар он масъалаҳои вобаста ба таснифи функсияи давлат, функсияҳои асосии дохилии давлат, функсияҳои берунии асосии давлат, функсияи экологии давлат ва масъалаҳои ҳифзи байналмилалии муҳити зист таҳлил карда шудааст.

Аз таҳқиқи масоили таснифоти функсияи экологӣ диссертант функсияи экологиро ба дохилӣ, берунӣ ва минтақавӣ таснифбандӣ

менамояд. Албатта таснифоти функсияи экологии давлат масоили муҳими бахши назарияи давлат ва ҳуқуқро ташкил намуда, дар ин робита аз ҷониби намояндагони фазои илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва хориҷӣ таҳқиқотҳои гуногунсатҳ ба анҷом расонида шудаанд. Ҳолати ишорагардида аз он гувоҳӣ медиҳад, ки масоили таснифоти функсияи экологии давлат ҳамчун падидаи муҳими назарияи давлат ва ҳуқуқ дар раванди пажӯҳиш пазироӣ гардидааст.

**Боби дуюми диссертатсия – «Механизмҳои амалишавии функсияи экологии давлат»** номгузорӣ гардида, фарогири се зербоб мебошад.

**Зербоби якуми боби дуюм – “Механизмҳои амалишавии функсияи экологии давлат”** ном гирифтааст. Дар доираи таҳқиқоти зербоби мазкур таъкид мегардад, ки функсияи экологӣ дар соҳаи ҳимояи муҳити зист, истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ, таъмини амнияти экологӣ бо мақсади ҳалли проблемаҳои экологӣ амалӣ карда мешавад.

Шаклҳои амалигардонии функсияҳо робитаи давлатро бо ҳуқуқ, ҳамчун яке аз воситаҳои асосии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ифода менамоянд. Давлат ба воситаи ҳуқуқ функсияҳои худ, вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва идеологии худро дар амал татбиқ мекунад. Дар як қатор мавридҳо давлат меъёрҳои ҳуқуқӣ қабул менамояд, дар ҳолати дигар иҷрои онҳоро амалӣ мекунад ва баъдан онҳоро таъмин ва муҳофизат менамояд.

Диссертант тарзҳои амалигардонии функсияи экологии давлатро пешкаш менамояд: - фаъолияти ташкилӣ-кадрии амалинамоии функсияи экологии давлат дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои заминавии расмӣ-ҳуқуқии дар санадҳои қонунгузорӣ муқарраргардидае мебошад, ки барои таъминоти пурраи кадрӣ баҳри амалинамоии ҳадаф ва мақсадҳои муқарраргардидаи ҳифзи муҳити зист равона гардидааст.

Дар амал татбиқ намудани функсияи экологии давлат ва дар ин замина, бевосита татбиқ намудани қонунгузории экологӣ аз ҳар ҷиҳат ба дониши касбӣ, маҳорат, қобилият, омодагии касбӣ ва истеъдоди кадрҳои соҳаи мазкур вобастагии зич дорад; - фаъолияти ташкилӣ-хоҷагии

амалинамоии функсияи экологии давлат ин раванди таъминоти мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва сохторҳои марбутаи он, ҳамчунин дигар ташкилотҳои буҷетӣ дар самти мазкур бо воситаҳои зарурии техникӣ, биноҳои маъмурӣ, маводҳо барои пешбурди кор, таҷҳизотҳои дигари зарурӣ ва монанди инҳоро ташкил менамояд.

Яке аз механизми воқеии амалигардии самаранок ва боҳадафи функсияи экологии давлат аз ҳар ҷониб ба фаъолияти ташкилӣ-хоҷагӣ вобастагии бевосита дорад; - фаъолияти ташкилии молиявӣ, оморӣ, техникӣ ва иттилоотии амалинамоии функсияи экологии давлат фаъолияте мебошад, ки барои таъминоти маблағгузории самти фаъолияти идоракунии давлатии экологӣ, таъмин намудани шароит барои омоданамоии омори дақиқи иттилоот оид ба вазъи кунунии экологӣ, таъмини воситаҳои технологияи ҳозиразамони иттилоотӣ, ташкили алоқа ва монанди инҳо равона гардидааст. Дар ҳақиқат таҷрибаи амалӣ собит намудааст, ки истифодаи воситаҳои нави технологияи иттилоотӣ кафолати фаъолияти самараноки мақомоти давлатӣ маҳсуб мешавад.

**Дар зербоби дуюми боби дуюм – “Экологикунонии қонунгузорӣ ҳамчун механизми амалишавии функсияи экологии давлат”** диссертант қайд намудааст, ки яке аз маханизмҳои дигари амалишавии функсияи экологии давлатро экологикунонии қонунгузорӣ ташкил менамояд, ки роҳандозӣ намудани ин раванд метавонад барои ҳаллу фасли муаммоҳои экологӣ-ҳуқуқӣ мусоидати амалӣ намояд. Яъне, имрӯз дар таркиби қонунгузории экологӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии экологишуда ҷой доранд. Таҳти мафҳуми экологикунонии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ «ҷорӣ намудани» талаботи ҳуқуқии экологӣ дар мазмуни дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад. Ин масъала махсусан дар амалишавии функсияи экологии давлат аҳамияти хосса дорад.

Қобили таваҷҷуҳ мебошад, ки диссертант чунин махсусиятҳои экологикунонии қонунгузориро зикр месозад: - экологикунонии

қонунгузорӣ раванди мураккаби илмӣ мебошад, ки барои дар амал татбиқ намудани он ҳамоҳангии соҳаҳои экология ва ҳуқуқи экологӣ, ҳамчунин дар самти амалигардонии он ҳамоҳангии сохторҳои ҳуқуқэҷодкунанда ва мақомоти ваколатдор зарур мебошад; - экологикунонии қонунгузорӣ ин раванди мустақили илми ҳуқуқшиносӣ мебошад, ки мақсади асосии он ҷорӣ намудани арзишҳои экологӣ ба муқарраротҳои дахлдори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади ҳифз, истифодаи самаранок ва барқарорсозии сарвати табиии мавҷуда, барои таъминоти наслҳои минбаъдаи инсоният бо ин неъматҳои табиӣ мебошад; - экологикунонии қонунгузорӣ ягона воситае мебошад, ки имконияти васеъро барои аз байн бурдани зарарҳои дар оянда расонидашаванда ба табиат бинобар сабаби ноқисии қонунгузории амалкунанда, пешгирӣ менамояд ва монанди инҳо.

**Зербоби сеюми боби дуюм – “Нақши ҳамкориҳои байналмилалӣ дар амалишавии функсияи экологии давлат”** ном дорад. Ба андешаи диссертант яке аз муаммои бисёр ҳам айнизамонии фазои муносибатҳои экологии сатҳи ҷаҳониро масъалаи иқлим ва гармшавии тоқатфарсои он ташкил менамояд. Дар баробари ин, гармшавии иқлим метавонад боиси хатарҳои силсилавӣ, ба монанди зиёд гардидани сатҳи об, обшавии пиряххои азим ва ба ҳамин васила хушксолӣ гардад.

Ба назари муаллиф барои фаъолияти босамар ва мувофиқгардонида-шудаи давлатҳо дар соҳаи муҳофизати муҳити атроф пеш аз ҳама батанзимдарории ҳуқуқӣ зарур мебошад. Ҳоло оид ба масъалаҳои гуногуни муҳофизати муҳити атроф қариб 500 созишномаҳои байнал-милалӣ қабул гардидааст. Дар байни онҳо созишномаҳои хусусияти гуногундошта, мавҷуданд: универсалӣ ва минтақавӣ; созишномаҳое, ки масъалаҳои умумӣ ё ин ки алоҳидаи Укёнуси ҷаҳонӣ, атмосфераи замин ва фазои назди заминии кайҳониро дар бар мегиранд.

Диссертант махсус қайд менамояд, ки «механизми баамалбарории функсияи берунии давлат дар ҶТ» бояд фарогири чунин унсурҳо бошад:

– субъектҳо ва иштирокчиёни механизми баамалбарорандаи функсияҳои берунии давлат ва мақоми ҳуқуқии онҳо;

– усулҳо ва воситаҳои бонизоми ин механизм;

– заминаҳои ҳуқуқӣ ва меъёрии баамалбарории он;

– низоми принсипҳои ҳуқуқии ташкили он.

Муаллиф чунин мешуморад, ки дар доираи муносибатҳои байналмилалӣ таъмини механизмҳои самарабахши татбиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар сатҳи давлатӣ аҳамияти аввалиндарача дорад. Ҳамин тавр, агар давлате, ки созишномаи байналмилалиро имзо кардааст, механизми қобили истифода барои татбиқи он, сохторҳои дахлдор ё заминаи ҳуқуқии самарабахши давлатиро дар ин соҳа надошта бошад, натиҷаи созишномаи мазкур бесамар хоҳад буд.

Дар асоси омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ ва амалии функсияи экологии давлат муаллиф як қатор хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалиро манзур намудааст, ки онҳо аз мазмуну моҳияти вазифаҳои гузошташуда бармеоянд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Мирзоқодир Аюб бо дарназардошти мубрамияти самти танзими муносибатҳои экологӣ-ҳуқуқӣ ва идоракунии давлатии ҳифзи муҳити зист мубрам ва айнивақтӣ баҳогузорӣ гардида, ба ин васила, барои тавлиди ғояҳои илмии муосир роҷеъ ба амалишавии функсияи экологии давлат заминаи воқеӣ мегузорад. Аз ин рӯ, дар фазои илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аз зумраи нахустин таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад, ки дар он масъалаҳои назариявӣ амалии функсияи экологии давлат ва механизмҳои амалишавии он мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Диссертант вазифаҳои гузоштаи худро дар самти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур тавассути нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш пурра инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои

худ аз сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии халқи тоҷик, қонунгузории миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳифзи муҳити зист, инчунин аз ғояҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ истифода намудааст, ки онҳо дар маҷмуъ, навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос намудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда** ягон шубҳаро ба вуҷуд намеоранд. Боиси зикр мебошад, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ оид ба функсияи экологии давлат ва механизмҳои амалишавии он, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, андешаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии диссертант, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои такмили қонунгузории кишвар оид ба ҳифзи муҳити зист асос меёбад.

Пешниҳод ва нуктаҳои илмии диссертатсия ба таҳқиқоти назариявию объективӣ такя намуда, натиҷагириҳо асосноку боэътимод буда, ба мулоҳиза ва хулосабарориҳои муаллиф асос ёфтаанд. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки он аввалин рисолаи комплексии илмӣ оид ба таҳқиқоти танзими функсияи экологии давлат буда, муаллиф бо дарназардошти анъанаҳои таърихӣ, тағйирёбии унсурҳои моддиву маънавии арзишҳои миллӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ падидаи мазкурро дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ба риштаи таҳлил кашидааст.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Мирзоқодир Аюб аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ дорад. Зеро, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада метавонанд барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар самти амалишавии функсияи экологии давлат ба таври васеъ истифода карда шуда, ҳамзамон барои ҳалли як қатор

масъалаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, ки ба функсияи давлат ва функсияи экологии давлат бахшида шудаанд, мусоидат намоянд.

Хулоса ва пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада мумкин аст дар ҳалли як қатор мушкилоти дар илмҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи экологӣ ва умуман илми ҳуқуқшиносӣ мавҷудбуда мавриди истифода қарор гирад. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҷиҳати такмили қонунгузории кишвар метавон хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқотро вобаста ба масъалаи амалишавии функсияи экологии давлат истифода намуд.

Ҳамзамон, муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар омода намудани адабиёти таълимӣ ва таълимӣ-методӣ, инчунин чараёни таълими фанҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, ҳуқуқи экологӣ ва ғайра истифода бурда шаванд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 20 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 13 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи Қодирзода Мирзоқодир Аюб дар баробари муваффақиятҳо, инчунин баъзе масъалаҳоеро дар худ ҷой додааст, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1. Муаллиф дар нуктаи 1 ба ҳимоя пешниҳодшуда, қайд менамояд, ки "Бо дарназардошти ҳолатҳои дар боло зикргардида, барои ба таври равшану возеҳ мавриди омӯзиш қарор додани марҳилаҳои рушди функсияи экологии давлат, ба мо зарурият пеш меояд, ки ин

марҳилаҳоро ба таври шартӣ ба се давраи асосӣ ҷудо намоем: - давраи то шӯравии инкишофи функсияи экологии давлат; - давраи шӯравии инкишофи функсияи экологии давлат; - давраи муосири инкишофи функсияи экологии давлат” (саҳ. 15 дисс.).

Аммо барои чи муаллиф марҳилаҳои рушди функсияи экологии давлатро ба таври шартӣ ба се давраи асосӣ ҷудо менамояд, асоснок карда нашудааст. Чи тавре ки ба мо маълум аст, давраҳои таърихии рушди давлатдории тоҷикон то давраи шуравӣ якчанд марҳилаҳоро паси сар кардааст, ки дар ин бора худи муаллиф низ дар таҳқиқоти гузаронидааш ишора менамояд (саҳ. 26-30 дисс.). Аз ҷумла, давраи зардуштӣ, давраи забти арабҳо ва пайдо шудани ҳуқуқи мусулмонӣ дар сарзамини давлатдории тоҷикон, давраи давлатдории сулолаи Сомониён, давраи забти Руссияи подшоҳӣ ва инқилоби октябрии соли 1917 то соли 1924, давраи дар ҳайати Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳамчун ҷумҳурии мухтор қарор гирфтан аз соли 1924 то соли 1929 ва баъд давраи шуравии давлатдории тоҷикон то соли 1991, ки ба андешаи мо мадди назар шудаанд.

2. Муаллиф дар пешниҳодҳои худ бобати мукамалгардонии қонунгузорӣ ва татбиқи амалишавии он қайд менамояд, ки “Амалияи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва механизмҳои татбиқи он ишора ба он менамояд, ки барои самтҳои муҳими фаъолияти давлатиро танзим ва идора намудан дар баробари қабули қонунгузории алоҳида, ҳамчунин ҳуҷҷатҳои барномавӣ низ нақши меҳвариро дорост. Аз ин хотир, амалишавии функсияи экологии давлат низ дар баробари доштани хислати илмӣ-назариявӣ ҷабҳаҳои амалиро низ ба худ касб намудааст. Аз ин рӯ, зарур шуморида мешавад, ки барои дақиқ, ҳадафмандона бо дарназардошти муайян намудани ҳолати кунунӣ, муаммо ва дурнамои самти амалишавии функсияи экологии давлат вақти он расидааст, ки «Стратегияи рушди функсияи экологии давлат» таҳия ва қабул карда шавад. Албатта ҳолати мазкур имкон медиҳад, ки роҳҳои нави такон

додани амалинамоии қонунгузории амалкунанда, ҳадафҳои пешгузоштаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист муайян ва ба амал баровარда шаванд" (саҳ. 19-20 дисс.).

Албатта ин пешниҳодҳои муаллиф қобили дастгирианд. Аммо ҳангоми гузаронидани чунин таҳқиқот муаллифро зарур буд, ки оид ба амалишавии функсияи экологии давлат нақши се шохаи ҳокимият дар чӣ ифода меёбад, бояд муайян карда мешуд. Агар вобаста ба ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия баъзе таҳқиқотҳо ҷой дошта бошанд ҳам, аммо вобаста ба ҳокимияти судӣ ва нақши он дар ҳифзи функсияи экологии давлат, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, шахсони ҳуқуқӣ муқаррароте ҷой надорад, мисолҳо аз таҷрибаи судӣ оид ба ин масъала мавриди таҳлил қарор нагирифтаанд, ки дар ин бора фикру ақидаи муаллифро фаҳмидан мехостем.

3. Дар зербоби якуми таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири масоили ташаккул ва рушди функсияи экологии давлат мебошад, ки дар он бисёре аз сарчашмаҳои илмии таърихӣ-ҳуқуқӣ истифода гардидааст, аммо дар доираи он мебойст бештар меъёрҳои экологии Авесто мавриди истифода қарор дода шавад. Алалхусус аз ҷониби диссертант қисмати Вандидодии Авесто пурра мавриди истифода қарор нагирифтааст. Дар саҳифаи 50 таҳқиқоти диссертатсионӣ масоили тафовути байни «функсияи давлат» ва «вазифаи давлат» мариди баррасӣ қарор гирифта бошад ҳам, аммо қисмати хулосабарории он норавшан боқӣ мондааст. Аз ин хотир, аз муаллифи диссертатсия пурсида мешавад, ки ба масъалаи мазкур равшанӣ андозад?

4. Дар зербоби сеюми боби якум масоили мавқеи функсияи экологии давлат дар байни дигар функсияҳои давлат таҳқиқ гардида дар натиҷа бештар функсияҳои дохилӣ ва берунии давлатро диссертант бештар баррасӣ намудааст. Аммо, муаллифи диссертатсия ба таври равшану возеҳ мавқеи худро вобаста ба ворид гардидани функсияи давлат ба

функсияҳои дохилӣ ва ё берунии давлат оид ба ин масъала муайян нагардидааст.

5. Аз ҷониби муаллифи диссертатсия дар зербоби сеюми боби дуюми диссертатсия ду шакли ҳамкориҳои давлатҳо оид ба ҳаллу фасли масоили экологӣ дар намудҳои шартномавӣ ва ташкилӣ ишора карда шудааст. (саҳ. 148). Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ мебуд, ки муҳиммияти ҳамкории шартномавӣ ва ташкилии давлатҳо дар ҳалли масоили экологӣ бештар дар таҳқиқот таваҷҷуҳ зоҳир мегардид?

Мулоҳизаҳое, ки қайд гардиданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбии таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Қодирзода Мирзоқодир Аюб ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Мирзоқодир Аюб ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Мудири шуъбаи масоили назариявии давлат
ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Бобоҷонзода И.Ҳ.

**Суроғаи муқарриз:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов,
734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33.
E.mail:bobojonov_i@mail.ru; info@ifppanrt.tj
Телефон: +992 (37) 221-03-28; (+992) 93-510-77-11
Факс: (+992-37) 221-07-31

Имзои Бобоҷонзодаро И.Ҳ. тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои ИФСҲ АМИТ Шозедов Х.Н.
«5» майи 2023 с.